Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 32 саҳ.).

Коррупсия яке аз ҷиноятҳои хавфноке ба ҳисоб меравад, ки барои амалӣ гардидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат монеа барпо намуда, намегузорад, ки пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ давлат инкишоф ёбад. Коррупсия метавонад нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи он коста намояд ва барои сар задани ҷиноятҳои гуногун замина гузорад.

Моҳияти ин масъалаҳо дар автореферати диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод, ки "Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро дар бар мегирад, дарҷ гардида, қайд шудааст, ки амалҳои коррупсионӣ тартиботи ҷамъиятиро аз байн мебарад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Шарифзода Ш.М. ба яке аз масъалаҳои муҳимми дорои аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, он ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбути соҳа нигаронида шудааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсионии худ, ки ба забони тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст, мубрамияти мавзуи мазкурро бо иқтибос аз паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз намуда, бо назардошти омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили оммории ҷиноятҳои коррупсионӣ таҳқиқоти воқеӣ гузаронида, дар ин замина хулоса ва тавсияҳои судмандро манзур намудааст.

Муаллифи автореферат зарур шумо0ридааст, ки баҳри пешгирию бартараф намудани омилҳои ба ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда иловатан тадбирҳои мушаххасу мақсаднокро роҳандозӣ намудан лозим аст.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи илмӣ мубрамияти мавзуъро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муайян намуда, тавсия ва пешниҳодҳо ба такмили чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологӣ оид ба муқовимат бо коррупсия равона гардидаанд.

Ин таҳлил, таҳқиқ ва хулосаву тавсияҳо метавонанд имконияти самаранокии пешгирии ҷиноятҳои коррупсиониро боз ҳам зиёд гардонанд. Дар робита бо ин, дар автореферати диссертатсия муайян кардани роҳҳои муосири пешгирии боз ҳам самарабахши ҷиноятҳои коррупсионӣ муҳим арзёбӣ гардидааст.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ифода намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро дар бар мегирад.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифбек Шарифзода дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти махсус дошта, дар самти сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ, чораҳои умумии иҷтимоӣ ва махсуси кримонологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҳалли мушкилот метавонад, мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шуда, матни он аз рӯйи таҷриба, дониши баланди илмӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ таҳия гардидааст. Кори илмӣ ягонагии дохилӣ дошта, тамоми қисматҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нигоҳи мантиқӣ ва мазмунан ба ҳам алоқамандананд.

Муаллиф аз рӯйи таҳқиқоти илмии анҷомдодаи худ, 13 адад мақолаҳои илмӣ интишор намудааст, ки аз ин 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии автореферати диссертатсияро инъикос мекунанд.

Қобили зикр аст, ки таҳия намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот дар ҷараёни кори илмӣ дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши басо муҳим мебозад.

Мубрамияти ин таҳқиқот бо навоварии илмии он зич алоқаманд аст. Дар сатҳи автореферат муаллиф қонунгузории амалкунандаро оид

ба мавзуи пешкашшуда на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар баъзе дигар кишварҳои ИДМ таҳлили ҳамаҷониба намуда, дар асоси он проблемаҳое, ки дар рафти бандубасти ҷиноятҳои вобаста ба муқовимат ба коррупсия, инчунин амалияи татбиқи ин меъёрҳо ба миён меоянд, пешбинӣ намудааст.

Қобили зикр аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии назариявӣ, инчунин тавсияҳои амалии муаллиф хеле муҳим буда, онҳоро ҳангоми омода намудани адабиёти илмӣ, таълимӣ ва дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия муфид мебошанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо маълумотҳои таҷрибавӣ асос ёфта, дар натиҷаи таҳқиқи мушаххас ба даст омадаанд, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Моҳияти махсуси автореферат дар он аст, ки муаллиф дар мақолаҳои интишорнамудаи худ мушкилиҳои мавҷударо баррасӣ кардааст. Ғайр аз ин, оид ба мавзуи матраҳшаванда дар конфронсҳои дохилиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯза баромад намудааст. Новобаста аз ин бартариятҳо баъзе аз масъалаҳои ҷузъие ҷой доранд, ки баҳсталаб мебошанд. Чунончи:

1. Муаллиф сабаб ва шароити содир гардидани ҷиноятҳои коррупсиониро дар шароити кунунии кишвар таҳлил намуда, дар баробари дигар омилҳо беҷазоӣ ё татбиқи ҷазои нисбатан сабукро барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, яке аз сабабҳои коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудааст (саҳ.25). Нуктаи назари иброзшуда баҳсталаб буда, зимни ҳимояи диссертатсия фикри иловагии муаллифро роҷеъ ба масъалаи мафҳум ва мазмуни хулосаи дар боло зикргардида, мехостем фаҳмем.

2. Ба ақидаи мо бо назардошти бартарияти таҳқиқот муаллиф метавонист, дигар асос ва сабабу омилҳои ба ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидаткунандаро таҳлил намояд, ки он боиси ташкили механизми фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба коррупсия мегардид. Шояд масъалаи мазкур дар диссертатсия дарҷ гардида бошад, аммо дар автореферат ин ҳолат ба назар намерасад. Аз ин лиҳоз, мехостем нуқтаи назари муаллифро оид ба ин масъала дар рафти ҳимояи диссертатсия шунида бошем.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Бо ин назардошт ба боварӣ гуфта метавонем, ки таҳқиқоти макур ба яке аз проблемаҳои актуалии илмӣ ҳуқуқшиносии муосир бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи номзадии Шарифзода Ш.М. мазмуни таҳқиқотро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодашудаи Шарифзода Ш.М. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва пешниҳодҳои нави илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи диссертатсия Шарифзода Ш.М. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сардори Раёсати назорати иҷрои қонунгузорӣ
оид ба андоз, ҳимоя ва дастгирии давлатии
соҳибкории Прокуратураи генералии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии
адлияи дараҷаи 3, номзади илмҳои сиёсӣ М.Н. Халифазода

**Имзои М.Н. Халифазода тасдиқ мекунам:**
И.в. сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи
генералӣ, мушовири адлия дараҷаи 1 А.С. Юсуфзода

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони А. Сино 126 8, тел.: +992 (37) 236-71-40, Факс. +992 (37) 2 35-24 41, Email:, mai prokuratura.tj/ contakts. html

13.02.2023г.